## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Сафарзода Эҳсон дар мавзуи «Масъалаҳои сиёсӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Эҳсон ба яке аз мавзуъҳои муҳимми замони муосир – баррасии масъалаҳои сиёсӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ бахшида шудааст.

Устод Айнӣ дар таърихи публитсистикаи тоҷик, хусусан, публитсистикаи матбуотӣ на танҳо бо саромадӣ ва пешоҳангӣ, балки бо муносибати таҳлиливу иҷтимоӣ, назари фарох, ҷаҳонбинии васеъ, мавқеи сиёсӣ ва шаҳрвандии худ фарқ мекунад. Ӯ аз зумраи поягузорони публитсистикаи матбуотӣ аст, ки бо фаъолияти гуногунчабҳаи худ дар ташаккули афкори иҷтимоии замони нав, тарғиби ғояҳои пешқадами замон, баланд бардоштани худшиносиву худогоҳии мардум, баррасии арзишҳои таърихиву миллӣ ва амсоли инҳо нақши бориз доранд.

Публитсистикаи С. Айнӣ аз нигоҳи мавзуъ ва жанр гуногуну доманадор бошад ҳам, аз назари мавқеъ ва мароми муаллиф як аст. Дар аглаби матолиби публитсистии ӯ тафсили фикр ва таҳлили маърифатии моҳияти масъалаҳо бартарӣ дорад. Ин ҷиҳатҳо ба публитсистикаи устод руҳи сиёсӣ мебахшад. Сиёсат дар публитсистикаи С. Айнӣ дар ду маврид ба мушоҳида мерасад: Якум, ҳангоми баррасии масъалаҳои байналхалқӣ, ки бевосита шакл мегирад. Дуюм, ҳинни баррасии масъалаҳои гуногун, ки руҳи сиёсӣ бавосита зуҳур меёбад. Дар мавриди дуюм, сиёсат ҳадаф ва ормони иҷтимоиву миллӣ аст, ки муаллиф дар татбиқи он мекӯшад. Дар публитсистикаи С. Айнӣ ҳолати дуюм афзалият дорад. Ба ин мазмун, мавзуи кори диссертатсионии Сафарзода Эҳсон аз нигоҳи интихоб муҳим ва аҳаммиятнок аст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки дар он нахустин маротиба ба таври нисбатан фарогир публитсистикаи сиёсии С. Айнӣ, бо дарназардошти вежагиҳои мавзуӣ, ҳадафу маром, шеваи муносибат, тарзи таҳлилу баррасӣ ва мисли ин пажуҳиш гардидааст. Муҳаққиқ дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмию таърихӣ заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоишу ташаккул, марҳалаҳои рушди публитсистикаи сиёсии тоҷик, хусусиятҳои он дар ибтидои асри **XX**,

накши матбуоти даврӣ дар ташаккули афкори сиёсӣ, инчунин, хусусиятҳои сохторӣ, жанрӣ ва услубии публитсистикаи сиёсии устод Айниро муайян намуда, ҷойгоҳ ва нақши ӯро дар ташаккулу рушди публитсистикаи сиёсии тоҷик мушаххас кардааст. Ҳамзамон, дар диссертатсия хулосаҳои боэътимод ва тавсияҳои мушаххаси дорои аҳаммияти назариявию консептуалӣ пешниҳод гардидаанд.

Маводди диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқ дорои ҷанбаи таърихӣ, усулӣ ва муҳтавоӣ буда, натиҷаҳои ҳосилшуда имкон медиҳад, ки омилҳои зуҳури публитсистикаи сиёсии тоҷик, асосҳои назариявии публитсистикаи сиёсӣ, роҳу василаҳои инъикос ва баррасии масъалаҳои сиёсӣ, нақш ва мавқеи устод Айнӣ дар дарку маърифати воқеаҳои сиёсӣ ва шарҳу тафсили онҳо, мавқеи мавзуъҳои сиёсӣ дар публитсистикаи ӯ, муносибати сиёсии муаллиф дар баррасии масъалаҳои муҳимми замон, корбурди аносири жанрӣ дар инъикоси масъалаҳои сиёсӣ ва ормонҳои иҷтимоӣ муайян карда шавад. Дар таҳқиқу баррасии ин ҷиҳатҳо диссертант ба методҳои таҳлили таърихӣ, анъанавӣ ва муқоисавӣ такя намудааст.

Хулосаву натиҷаҳои диссертатсия барои шинохти амиқи моҳият ва хусусиятҳои публитсистикаи сиёсӣ заминаи мусоид гузошта, вазифа, рисолат ва нақши онро дар ҷомеаи муосир дар асоси таҳлили осори публитсистии устод Садриддин Айнӣ бозгӯ менамоянд.

Диссертатсия ва автореферати Сафарзода Эҳсон дар мавзуи «Масъалаҳои сиёсӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ» ҷиҳати дифоъ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 2 монография, 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки мазмуну моҳияти таҳқиқро бозгӯ мекунанд. Мақолаҳои илмии нашршуда ва теъдоди маводди чопшуда ба бандҳои 34 ва 35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия (ғунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи доктории Сафарзода Эҳсон истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз

ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дарачаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз муқаддима, панҷ боб, сенздаҳ фасл, хулоса, тавсияҳои оид ба истифодаи амалии таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва сарчашма иборат аст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад.

Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумот, ҳаҷми кофии маводди диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назариявӣ ва амалӣ асос ёфтааст.

Вобаста ба ин комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Сафарзода Эҳсон дар мавзуи «Масъалаҳои сиёсӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи доктории Сафарзода Эҳсон дар мавзуи «Масъалаҳои сиёсӣ дар осори публитсистии Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муаҳққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон бо ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Афсаҳзод Аббос Аълохон** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи медиакоммуникатсияи факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»;

– **Саидмурод Хочазод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Хасанова Тахмина Гаюровна** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи лингвистикаи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Муроди М. Б.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Бозорзода Н. Ш.

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Ҷураева М. Р.

«29» 08 соли 2026.